# Протоколи Маҷлиси Ғайринавбатии Гурӯҳи РЕАКТ

**13 - уми сентябри соли 2011**

---

# Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб

---

Маҳаллаи Борбад № 17, шаҳри Кӯлоб, вилояти Хатлон, Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

**Иштирокчиён:**

| Намояндаи муассиса | Ному насаб | Вазифа |
|---|---|---|
| Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб | Неъматов Рамазон | Сардори Ситод |
| | Азимов Маҳмадкабир | Сардори курсҳои байниноҳиявии Ситод |
| | Розиқов Шодӣ | Сардори гурӯҳи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Ситод |
| Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании шаҳри Кӯлоб | Усмонов Субҳон | Сардори Ситод |
| Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, шаҳри Кӯлоб | Абдуалимов Қурбоналӣ | Муҳандис |
| | Саймуродова Сайёра | Мушовири Бахши Идоракунии маҳаллӣ |
| Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар | Олимов Зайнуддин | Котиби иҷроия |
| Оксфам, шаҳри Кӯлоб | Абдулвоҳидов Носир | Офисери барнома |
| Раёсати кишоварзӣ | Шомадов Р. | Ҷонишини Раис |
| Миссияи Шарқ, шаҳри Кӯлоб | Шомадов Шодӣ | Офисери калони барнома |
| | Ибрагимов Мирзо | Муовини менеҷер |
| | Алиева Садафмо | Тренер |
| | Талбаков Турахон | Раиси коалитсияи Пахтакор 1, н. Восеъ |
| | Давлатшоев Амиршо | Раиси коалитсияи Пахтакор 2, н. Восеъ |
| | Латифов Сайҷамол | Раиси коалитсияи Пахтаобод, н. Восеъ |
| | Мирзоев Раҷабалӣ | Раиси коалитсияи ҷамоати Даҳана, н. Кӯлоб |

| | | |
|---|---|---|
| | Валиев Саъдулло | Раиси коалитсияи ҷамоати Мичурин, н. Восеъ |
| Миссияи Шарқ, шаҳри Душанбе | Насибов Авзалшо | Менеҷери Барнома |
| | Каримов Баҳодур | Менҷери барномаи омодагӣ ба офатҳои табиӣ |
| Ҳамкорони ташкилоти Миссияи Шарқ аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон | Муҳаммад Ислом | Муҳандиси ташкилоти Миссияи Шарқ |
| | Абдул Раҳмон | Роҳбари гурӯҳи паст кардани хатари офатҳои табиӣ, Лоиҳаи СММ |
| | Ҳабибуллоҳ Муҳаммад Зариф | Роҳбари гурӯҳи паст кардани хатари офатҳои табиӣ, Лоиҳаи СММ |
| | Султон Маҳмуд | Корманди ташкилоти Миссияи Шарқ |
| | Аттиқулоҳ Муҳаммад Ислом | Менеҷери шӯъба оид ба офатҳои табиӣ дар деҳа |

**Рӯзнома:**

1. Шиносоӣ – Раиси маҷлис;
2. Натиҷаҳои баҳодиҳии хотимавии фаъолиятҳои лоиҳаи ДИПЕКО 6-и ташкилоти Миссияи Шарқ – Насибов Афзалшо;
3. Муаррифии лоиҳаи якҷояи Тоҷикистон-Афғонистон барои коҳиши хатари офатҳои табиӣ – Ибрагимов Мирзо;
4. Мусоҳиба оид ба таҷрибаҳо ва фаъолиятҳо байни намояндагони ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону Афғонистон
5. Муайян намудани рӯзномаи маҷлиси оянда

**1. Шиносоӣ**

Сардори Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб подполковник, Неъматов Рамазон, маҷлиси ғайринавбатии гурӯҳи РЕАКТ – ро бо шиносоии иштирокчиён оғоз намуд.

**2. Натиҷаҳои баҳодиҳии хотимавии фаъолиятҳои лоиҳаи ДИПЕКО 6-и ташкилоти Миссияи Шарқ**

Насибов Афзалшо, Менеҷери барномаи ташкилоти Миссияи Шарқ баромад карда, қайд намуд, ки баҳогузории лоиҳаи ДИПЕКО – 6 дар анҷомрасии лоиҳа гузаронида

шуд. Баҳогузории лоиҳа аз 8-уми август то 5- уми сентябри соли равон дар се минтақа ва 6 деҳа гузаронида шуд. Ташкилоти Миссияи Шарқ дар 50 деҳаҳои ҳадафнок фаъолият намуда, 14- Коалитсия ташкил намуд ва дар ҳар як деҳа Шӯрои маҳал оид ба идоракунии хатари офатҳои табиӣ ташкил карда шуд. Омӯзишҳо ва чорабиниҳои зиёд оид ба омодагии аҳолӣ ба офатҳои табиӣ дар деҳаҳои ҳадафнок гузаронида шуд. То ба ҳол осебпазирии деҳаҳо вуҷуд дорад.

***Тавсияҳои баҳогузории лоиҳаи ДИПЕКО – 6:***

- Давом додани фаъолиятҳо дар 50 деҳа;
- Зиёд кардани шумораи коалитсияҳо;
- Дастгирӣ кардан ва давом додани кори гурӯҳи РЕАКТ;
- Ҷалб ва иштироки намояндагони Коалитсияҳо дар чорабиниҳо ва маҷлисҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ;
- Дастурамалу китобҳо бо стандарти мӯайян ва сифати хуб дар ҳамкорӣ ва бо розигии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда чоп карда шаванд.
- Лоиҳаҳо минбаъда ба мӯҳлати дарозтар амалӣ карда шаванд.

**3. Муаррифии лоиҳаи якҷояи Тоҷикистон-Афғонистон барои коҳиши хатари офатҳои табиӣ**

**Ибрагимов Мирзо, Муовини менеҷери ташкилоти Миссияи Шарқ** баромад карда, қайда намуд, ки лоиҳаи мазкур дар деҳаҳои наздисарҳадии байни Тоҷикистону Афғонистон аз моҳи май оғоз гардида то охири соли равон амалӣ мегардад. Лоиҳаи мазкур аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид маблағгузорӣ карда шудааст. Лоиҳа бештар бо таҷрибаомӯзии тарафайн амалӣ гашта истода аст.

***Фаъолиятҳои иҷрошудаи лоиҳа:***

- Моҳи июни соли равон намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати 3 нафар ба Ҷумҳурии Афғонистон ташриф оварданд. Баҳодиҳии хатар дар 61 деҳа гузаронида шуд ва аз байни онҳо 20 деҳаи хатари зиёд дошта интихоб гардид. Дар деҳаҳои ҳадафнок Шӯрои деҳа оид ба идоракунии хатари офатҳои табиӣ ташкил карда шуд.
- Аз 1 – 6 августи соли равон, гурӯҳи корӣ аз Ҷумҳурии Афғонистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, дар мизи мудаввар иштирок намуданд. Инчунин, меҳмонҳо бо фаъолиятҳои лоиҳаҳои ташкилоти Миссия Шарқ шинос гардиданд.

**4. Мусоҳиба оид ба таҷрибаҳо ва фаъолиятҳо байни намояндагони ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону Афғонистон**

- Дар ташкил кардани Шӯрои деҳа, диққати махсус ба интихоби аъзоёни гурӯҳ дода шавад, ки бештар рушди деҳа вобаста аст ба ӯҳдабароии аъзоёни гурӯҳ.
- Қобилияти кории аъзоёни Шӯрои деҳа баланд бардошта шавад, ки мустақил кору фаъолият намоянд.
- Гузоштани лавҳаи ахборотӣ дар сатҳи деҳа бомаврид аст, ки кору фаъолиятҳо ба таври шаффоф пеш бурда мешаванд.

- Ноҳияҳои ҳамсарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистону Афғонистон бештар имконияти дастрас намудани маблағҳои ташкилоти донорӣ доранд. Аз ин рӯ, лоиҳаҳо бояд бо назардошти мушкилотҳои афзалияти ҷойдошта пешниҳод кардан мумкин аст.

**5. Муайян намудани рӯзномаи маҷлиси оянда**

Аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки барои рӯзномаи маҷлиси ояндаи гурӯҳи РЕАКТ, пешниҳодҳои худро пешакӣ ба котиби маҷлиси гурӯҳи РЕАКТ ва Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб расонанд.

Маҷлиси навбатии гурӯҳи РЕАКТ рӯзи 29-уми сентябри соли 2011, Панҷшанбеи охири моҳ дар идораи Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб ба нақша гирифта шудааст.